Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва вусъатгирии рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аҳамияти такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар баланд бардоштани сифати идоракунии фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва таъмини шаффофияти иттилоот дучанд мегардад. Аслан, ин раванд маҷмӯи тадбирҳо ва усулҳоро дар бар мегирад, ки ба такмил додани низоми ҷамъоварӣ, сабт, коркард ва пешниҳоди маълумоти молиявӣ равона шудаанд. Равишҳои такмилдиҳии хадамоти ҳисобдории хоҷагиҳои мазкур гузариш аз усулҳои содда ва анъанавии ҳисобгирӣ ба низоми муосири муҳосибӣ зоҳир мегардад. Ин маънои онро дорад, ки тамоми амалиётҳои хоҷагидорӣ бояд дақиқ, саривақт ва мутобиқ ба талаботи меъёрҳои амалкунанда сабт карда шаванд. Дар натиҷа, маълумоти муҳосибӣ боэътимод гардида, ҳамчун асос барои таҳлил ва қабули қарорҳои идоракунӣ хизмат мекунад.

Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асоснок мегардад, ки муқаррароти назариявии он ба рушди заминаҳои назариявии такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мусоидат намуда, хулосаю пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия бо роҳи ворид намудани онҳо дар барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла барномаҳои рушди низоми ҳисобдории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ҷиҳати такмили хадамоти ҳисобдорӣ мусоидат менамоянд.

Муаллиф ҷиҳати таҳқиқи амиқи мавзӯи диссертатсия маълумоти зарурӣро мустақилона таҳлил, ҷамъбаст ва ба низом даровардa,

равишҳои назариявию методӣ ва амалии ташкил, пешбурди баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), инчунин унсурҳои методикаи ҳисобдории ин хоҷагиҳоро такмил додааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ низ дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон давоми солҳои 2018-2025 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шудаанд. Дар баробари ин, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои назариявию методӣ ва амалии диссертатсияи тақризшаванда дар раванди таълим истифода шудаанд.

Бояд қайд намоем, ки муаллифи таҳқиқот муқаррароту натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар 24 мақолаи илмӣ мавриди нашр қарор додааст, ки ҳаҷми умумии корҳои илмии нашркардаи муаллиф дар ин самт 8,19 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия таҳқиқоти амиқ, хулосаю пешниҳодҳои асоснок ва хусусияти навгонидоштаро дар бар мегирад. Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, ки баъзеи онҳо қайд гардиданд, автореферат дорои норасоиҳо низ мебошад. Аз ҷумла:

1.Хуб мебуд, агар дар автореферати диссертатсия рақамҳои оморӣ аз фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шакли ҷадвалу расмҳо зиёдтар оварда мешуд.

2.Эътимоднокии таҳқиқот баланд мегардид, агар муаллиф дар рафти коркарди амсилаҳои таҳияшуда, маълумоти амалии хадамоти ҳисобдории хоҷагиҳои деҳқониро мавриди истифода қарор медод.

Эродҳои муайяншуда тавсиявӣ буда, метавонанд дар оянда ҷиҳати беҳтарсозии таҳқиқоти муаллиф мусоидат намоянд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» таҳқиқи дақиқ ва баанҷомрасида буда, ба муқаррароти амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Д.и.и., профессор, профессори кафедраи

баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Ш.Шоҳтемур Шарифов З.Р.

Имзои Шарифов З.Р.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори таъминоти ҳуқуқӣ ва корҳои
махсуси Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДАТ ба
номи Ш. Шоҳтемур:734003, ш. Душанбе,
х. Рудакӣ, 146. Тел. : (+99237) 2. 247207,
web. www Fajadroun. Tj. E-mail: Restorat 31 @mail.ru «01» апрели 2026